УДК 57026
ББК 28081
С 13

**САБАБҲОИ ПАЙДОИШ, ЗУҲУРОТ ВА НАТИҶАҲОИ ИФРОТГАРОИ (ЭКСТРЕМИЗМ)-И ЭКОЛОГӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР**

***Собиров Мурод Собитҷонович** - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд), e-mail: m.s.sobirov@mail.ru*

***Очилова Фотима Хамдамовна** - номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,*

***Хакимходжаева Муҳайё Абдугафуровна, Боисов Нозимджон Наимович** - омӯзгорони кафедраи экология ва ҳифзи табиати МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд),*

**ПРИЧИНЫ ОБРАЗОВАНИЯ, ПРОЯВЛЕНИЯ И ПОСЛЕДСТВИЯ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ЭКСТРЕМИЗМА В СОВРЕМЕННЫЙ ПЕРИОД**

***Собиров М. С.**- кандидат сельскохозяйственных наук, доцент кафедры экологии и охраны природы ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова" (Республика Таджикистан, г. Худжанд),*

***Очилова Ф.Ҳ.**- кандидат биологических наук, доцент кафедры экологии и охраны природы ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова" (Республика Таджикистан, г. Худжанд)*

***Ҳакимходжаева Мухайё Абдугафуровна, Боисов Нозимджон Наимович** - преподаватели кафедры экологии и охраны природы ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова" (Республика Таджикистан, г. Худжанд)*

**REASONS FOR EDUCATION, MANIFESTATION OF ENVIRONMENTAL EXTREMISM IN THE MODERN PERIOD**

***Sobirov Murod Sobitdzhonovich** – PhD, Dotcent of the Department of Ecology and Protection of Nature of the Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov*

***Ochilova Fotima Hamdamovna** - PhD, Dotcent of the Department of Ecology and Protection of Nature of the Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov*

***Khakimhodzhaeva Mukhayo Abdugafurovna, Boisov Nozimdzhon Naimovich** - Teachers of the Department of Ecology and Protection of Nature of the Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov*

***Вожаҳои калидӣ:** муҳити зист, экология, тағйирёбии сифати муҳити табиӣ, таъсири антропогенӣ, зуҳуроти ифротӣ, амнияти экологӣ, оқибати нохуши ифротгароӣ.*

*Мақола ба муайянсозии маъно ва ташаккули истилоҳи экстремизми экологӣ бахшида шуда, дар он сабабҳои зуҳурёбӣ, пайдоиши ин раванд таҳлил карда мешаванд. Аниқ карда шудааст, ки экстремизми экологӣ дар заминаи маърифати нокифояи аҳолӣ пайдо шуда метавонад сабабгори хатар ва офатҳои экологӣ дар минтақаҳои мухталифи калон гардад. Мавқеи ташкилотҳои ҷамъиятии сатҳҳои гуногун ва*

*мақомоти давлатии ҳифзи муҳити зист, захираҳои табиӣ дар пешгирии экстремизми экологӣ таҳлил карда шуда, барои пурзӯр намудани таъсири онҳо пешниҳодҳои мушаххас баён карда шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *окружающая среда, экология, изменение качества природной среды, антропогенное воздействие, проявление экстремизма, экологическая безопасность, негативные последствия экстремизма.*

*Статья посвящена определению содержания и формирования термина «экологический экстремизм» и выявлению причин проявления этого процесса на основе анализа имеющих теоретических предпосылок. Установлено, что основной причиной проявления экологического экстремизма связано с недостаточным уровнем экологической просвещенности населения, что отражается в вероятности экологически опасных ситуаций и бедствий в различных регионах мира. Выявлена роль общественных и государственных организаций по охране окружающей среды в предотвращении и профилактике экологической экстремистической деятельности и предложены мероприятия по усилению роли этих организаций в противодействии экстремизму.*

***Key words:*** *environment, ecology, changes in the quality of the environment, anthropogenic impact, extremism, environmental security, the consequences of extremism.*

*The article is devoted to the definition of the meaning and formation of the term environmental extremism, which analyzes the causes of this process. It is clear that environmental extremism, based on the lack of education of the population, can lead to environmental risks and disasters in large areas. The position of public organizations at various levels and government agencies for environmental protection, natural resources in the prevention of environmental extremism is analyzed and specific proposals are made to strengthen their impact.*

Дар замони муосири рушди ҷомеа инсоният ба тазодҳои гуногуни манфи манбаъ дучор омадааст, ки барои мавҷудияти ҷомеаи башарӣ хатари бевосита эҷод менамояд. Зуҳуроти баъзе нафарони бадкинаву дилсиёҳ, муттаҳидшавии онҳо ба гурӯҳҳо ва ҳизбу созмонҳо, таҳияи ғояҳои навбаромад бо таҷдиди идеологияи пешина, пайдошавии манбаъ ва шахсиятҳои маблағгузор ва падидаҳои дигари номатлуб дар аксарияти ҳолатҳо боиси фитна ва ошӯбандозии табақаи ноустувори ҷомеа, тазоҳуротҳои оммавии сиёсӣ, тарғиби ғояҳои бофтаю худсохт, пайдоиши фирқа (секта)-ҳои ба ном динию дар асл ифротӣ ва ғайраҳо ба суботи ҷомеа ва устувории давлатдорӣ таҳдид намуда истодааст.

Меъёрҳои қонунгузории ҷории аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон фаъолияти ифротиро дар чунин ҷанбаҳо инъикос менамояд;

- тағйирдиҳии асосии сохти конститутсионӣ ва вайронсозии ягонагии давлати соҳибистиқлол;
- эътирофи фаъолияти террористӣ ва терроризм, ҳамчун амали матлуб;
- ангезидани ҷудосозии иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё динии аҳолӣ;
- тарғиби бартарият ё норасогии хосаи инсон аз ҷиҳати тобеияти нажодӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ ё худ забонӣ ё муносибати динии ӯ;
- риоя накардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд вобаста ба мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ, забонӣ ва муносибати ӯ ба диндорӣ;
- муқовимат ва зиддият бо шаҳрванд барои истифодаи ҳуқуқҳои интихоботӣ ва ҳуқуқ иштирок дар раъйпурсӣ ё вайрон кардани сирри интихобот, ки бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он вобаста мебошад;
- содир намудани ҷиноят дар асоси адовату бадбинии сиёсӣ, идеологӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ, ё худ дар асоси адоват ё душманӣ нисбат ба гурӯҳ ё табақаи иҷтимоии алоҳида;
- тарғиб ва намоиши ошкоронаи рамз ва атрибутҳои миллатгароӣ (миллатпарастӣ) ё рамзу атрибутҳои ба миллатпарастӣ монанд ё худ намоиши ошкорои атрибут ё рамзҳои ташкилоти ифротгаро;
- даъвати ошкоро баҳри амалисозии ҳаракатҳои зикрёфта ё паҳннамоии оммавии маводҳои аниқи ифротгароӣ, инчунин омодасозӣ ё нигоҳдории онҳо бо мақсади паҳннамоӣ ва ҷабҳаҳои дигарро дарбар гирифтааст.

Ҳамин тавр, дар қонуну қарорҳои амалшудаистода мафҳуми ифротгароӣ асосан заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсиро инъикос менамояд, моҳияту мазмуни ифротгароӣ ва намудҳои онро равшану аниқ наменамояд, зеро асосан ба фаъолияти экстремистӣ такя менамояду мазмуни мафҳуми ифротгаро (экстремизм)-ӣ номуайян боқӣ мемонад (2,317). Ҳол он, ки дар адабиёти илмӣ мафҳуми «ифротгароӣ» аз рӯи чандин асосҳои назариявӣ (шакли зуҳурот, соҳаи фаъолияти ҳаётӣ, объекти таъсиррасон, субъектҳо ва ғайра) мавриди таснифот қарор гирифтааст. Аз ин лиҳоз, мебояд ифротгароӣ аз нуқтаи назари муносибатҳои ҷомеавӣ, яъне сиёсӣ, миллӣ, динӣ, иқтисодӣ, руҳӣ, ҷавонӣ ва экологӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифта бошад, ки барои дарки пурраи моҳият ва мазмуни ифротгароӣ, таъсиру пайдоиши мавқеъ дар мафкураи фарду ҷомеа кӯмак мерасонад. Мебояд зикр кард ки намудҳои мухталифи муносибатҳои ҷомеавии ифротгароӣ ё худ фаъолияти экстремистӣ аз ҷониби мутахассисони соҳаҳои гуногуни илмҳои ҷамъиятӣ таҳлилу ташхис карда мешаванд ва ҳам онҳо дар миқёси мамлакат ва муносибатҳои алоҳида фарқ намуда истодаанд, ки дар натиҷаи омӯзиши маводҳои мавҷудаи илмӣ ва оммавӣ муайян карда шудааст.

Мафҳуми «экстремизми экологӣ» ё худ ифротии экологӣ дар адабиёти илмии ҳуқуқшиносӣ ва табиатшиносӣ мафҳуми хеле нав буда, танҳо дар ҳолатҳои маҳдуди касбӣ истифода мегардад ва ҳатто дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатӣ ва дигари танзимкунандаи фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва муносибатҳои дохилиҷомеа инъикос нагардидааст ё худ шарҳи мушаххас пайдо накардааст (3, 74, 4…..). Ҳол он ки ифротгарони экологӣ ба мисли ифротгарони динӣ барои ҷумла хеле назаррас арзёбӣ мегардаду метавонад манбаи таҳдиди нави глобалӣ бошад, зеро доираи фаъолияти он бо сарҳади давлати алоҳида маҳдуд буда наметавонад.

Экстремизми экологӣ намуди нисбатан нави ифротгароӣ буда, бо сабаби тезутундшавии мушкилотҳои экологӣ, бадшавии сифати муҳити зист дар минтақаҳои алоҳида ва ҳам дар миқёси глобалӣ (сайёравӣ) зоҳир гардидааст. Дар қатори ҳаракатҳое, ки барои сиёсати самараноки ҳифзи табиатӣ ҷидду ҷаҳд менамоянд («сабзҳо», «экологҳо» ва дигар) гурӯҳҳо ва ташкилотҳое пайдо шудаву фаъолона амал менамоянд, ки (масалан, «Гринпис») ба бастану нобудсозии истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ хавфнок зидди инқилоби илмӣ-техникӣ мебошанд ва ин амалҳои худро роҳи ягонаи бехтарсозии сиҳати муҳити зист мешуморанд. Дар аксарияти ҳолатҳо амалҳои ин гурухҳову ҳаракатҳо меъёрҳои қонунгузории ҷории давлатҳоро вайрон намуда, боиси хатари бевосита ба тартибу осудагии ҷомеа мешаванд. Натиҷаи чунин тундравии ифротгароиҳои ҳаракатҳои зиддиҷаҳонишавиро дар мисоли баромади духтари шведӣ - Гретта Тутберг аз минбари воломақоми Созмони Милали Муттаҳид дидан мумкин аст, ки дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа, ҳатто олимону мутахассисони соҳаи табиатшиносӣ ҳамраъйиву ҳамовозӣ пайдо кардааст. Гарчанде, ки гуфтаҳои ин ҷавони таҷрибаи ҳаётӣ надошта шабеҳи он буд, ки ӯ суханони нафарони ифротгароро тӯтивор такрор намудан бошад ҳам, қисми муайяни ҷомеа фирефтаи он гардид, ки аз дараҷаи таъсироти ақидаҳои ифротӣ ба тафаккури ҷомеа дарак медиҳад.

Баева Л.В. (2008) андеша менамояд, ки ифротгароии экологӣ ин идеологияи радикалие мебошад, ки истифодаи тадбирҳои зӯровариро нисбат ба объектҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳое тарғибу ташвиқ менамояд, ки барои бадшавии вазъи экологии муҳити зист мусоидат намуда истодаанд. (5. 25). Ҳол он ки аксарияти ин истеҳсолот, агарчӣ барои муҳити зист зараровар бошанд ҳам, дар ҳаёти муосири ҷомеа бидуни фаъолияти онҳо қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни ҷомеа имконнопазир аст. Дар ин ҷода, аксарияти муҳаққиқон қайд менамоянд, ки алҳол на дар сатҳи давлатҳои алоҳида ва на дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ муайяннамоии амиқи мафҳуми «экстремизми экологӣ» мавҷуд намебошад ва ин мавқеи норасои қонунгузориҳои амалкунанда аз ҷониби идеологҳои ҳаракатҳои ифротгароӣ васеъ истифода бурда шуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки бо зуҳуроти ифротгароӣ барои инсоният оқибатҳои хеле душвори бебозгашт расонида мешаванд, ки ба мавҷудияти ҳаёт дар сайёра ва ҷомеаи башарӣ таҳдид менамояд. Амалҳои ифротгароии экологӣ метавонад боиси оқибатҳои зерини ногувор бошад, ки онҳоро ба гурӯҳҳои муайян аз лиҳози манбаи пайдоиш ва объекти таъсир ҷудо мебояд кард:

- тиббӣ - беморшавии одамон, ҳайвонот ва ҳалокати онҳо, тағйирёбии асабонӣ - рӯҳонӣ, халалдоршавии фаъолияти системаи ҳифзи саломатии давлатӣ;

- сиёсӣ – вайрон кардани салоҳиятнокии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ғайримуташаккилсозии фаъолияти механизми давлатдорӣ; фаъолгардии намоишҳои тазоҳуротӣ;

- иҷтимоӣ - паҳншавии воҳима ва тарси оммавӣ, вайроншавии тарзи анъанавии ҳаёти аҳолӣ ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ, болоравии шумораи зиддиятҳои иҷтимоӣ ва ошӯбҳои оммавӣ дар ҷомеа, зиёдшавии зуҳуроти ифротгароӣ, пӯрзӯршавии кӯчиши аҳолӣ ба маҳаллҳои дигар;

- иқтисодӣ - камшавии шумораи аҳолии қобили меҳнат, зараррасонӣ ба комплекси агросаноатии давлатҳо, деградатсияи баъзе соҳаҳои иқтисодиёт, кандашавии баъзе халқаҳои таъминоти аҳолӣ бо маводи ғизоӣ, пастравии умумии потенсиали иқтисодӣ ва тавоноии давлат ва ғайра.

Дар заминаи тафсири оқибатҳои ногувори ифротгароии экологӣ бояд қайд кард, ки ҳамаи онҳо баробарвазн буда, онҳоро аз якдигар наметавон ҷудогона баҳодиҳӣ намуд, зеро онҳо дар маҷмӯъ метавонанд зуҳур ёбанд ва аз ин лиҳоз муқовимат ба онҳо низ мебояд маҷмӯавӣ суръат гирад. Яъне, чун пешгирӣ ва мубориза бо зуҳуроти намудҳои дигари экстремизм ифротгароии экологӣ мебояд дар сатҳи баланди давлатӣ мавриди ҳаллу фасли пайвастаи сарҷамна қарор ёбад ва қисми муҳими стратегияи давлатӣ бошад.

Метавон қайд намуд, ки гарчанде Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ дар қатори давлатҳои муваффақ қарор дошта бошад ҳам, маҳз таҳқиқоти масъала ва мафҳуми ифротгароии экологӣ на аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ва на муҳақиқони соҳаи табиатшиносӣ қариб ки гузаронида нашудааст ва қисман аз таваҷҷӯҳи ҳама берун мондааст. Ҳол он ки чун намудҳои дигари ифротгароӣ экстремизми экологӣ ба ҳаёти осоиштаи аҳолӣ ва вазъи иқтисодии кишвар таҳдиди бевосита дорад, ки мебояд боиси андешидани тадбирҳои мушаххас дар ҳамаи сатҳҳо ҷиҳати пешгирӣ ва баркандани ин раванди тундгароӣ гардад. Бинобар ин, зарур аст, ки фаъолияти тарғиби идеологӣ ва пешгирии ин зуҳуроти манфӣ дар байни аҳолӣ вусъат бахшида шавад (4., 44) зеро аз ошкорбаёнии саривақтии таҳдидҳои характери экологидошта на танҳо амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки амнияти экологии ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста аст.

Натиҷаи омӯзиш ва таҳлили маълумотҳои мавҷуда дар адабиёти илмӣ, матбуоти даврӣ ва сарчашмаҳои дигар собит месозад, ки раванди пешгирӣ ва мубориза бар зидди ифротгароии экологӣ ҳам дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мебояд иҷрои ҳатмии тадбирҳои мушаххаси таъсиррасон, аз он ҷумла ба тафаккури ҷомеаро дар бар гирифта бошад. Бинобар ин, маҷмӯи тадбирҳои пешниҳодгашта мебояд фавран мавриди омӯзиш ва баррасии мақомотҳои дахлдори давлатӣ, муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқшиносию табиатшиносӣ ва оммаи васеи ҷомеа қарор дода шаванд, яъне системаи муайяни стратегияи мубориза бар зидди ифротгароии экологӣ бо назардошти пешниҳодҳои зерин таҳия карда шаванд:

1. Муайян намудани доираи зуҳурот ва намудҳои ифротгароии экологӣ, мавқеи он дар ифротгароӣ ва дар сатҳи қонунгузорӣ мушаххас намудани мафҳуми «ифротгароии экологӣ»;

2. Таҳияи нақшаи чорабиниҳои мушаххас дар доираи Барномаҳои давлатӣ оид ба болобардории сатҳи маърифати экологии аҳолӣ ҷиҳати пешгирӣ ва муқовимат ба ифротгароии экологӣ;

3. Дар баробари мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ муайян намудани мавқеи мақомоти ҳифзи муҳити зист дар маҷмӯи тадбирҳои муқовимат бар зидди ифротгароии экологӣ;

4. Таъсиси Шӯрои доимоамалкунандаи профилактикаи ифротгароии экологӣ дар назди мақомоти давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист бо ҷалби васеъи муҳаққиқони соҳаи табиатшиносӣ ва ғайра.

## ПАЙНАВИШТ

1. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-ноябри соли 2016, №776 дар бораи “Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020”
2. Айсын Г.С. Противодействие экстремистической деятельности в Российской Федерации. Проблемы качества рос. законодательства.Сб. научных трудов Всероссийской научно – теоретической конференции. Чебоксары. 2016. С. 42-45
3. Баева Л.Р. Экстремизм, природа и формы проявления // Каспийский регион: политика, экономика, культура. 2008.№3.С.16.
4. Айсын Г.С. Об экологическом терроризме. Сборник материалов международной научно-практической конференции. Чебоксары. Изд. Чувашского университета, 2017. С. 315-319.

5. Иногамова- Хегай А.В. Уголовная ответственность за экологические преступления. Сборник материалов международной научно-практической конференции. Чебоксары. Изд. Чувашского университета, 2017. С.380-386.
6. Негаева Е.В., Онегова А.А. Эффективность уголовных наказаний за экологические преступления. Сборник материалов международной научно-практической конференции. Чебоксары. Изд. Чувашского университета, 2017. С.434-437.
7. Тасанов С.В. Нравственные аспекты экологических проблем общества. Сборник материалов международной научно-практической конференции. Чебоксары. Изд. Чувашского университета, 2017. С. 501-506.

REFERENCES

1. Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated November 12, 2016, №776 "On the National Strategy of the Republic of Tajikistan on Combating Extremism and Terrorism for 2016-2020"
2. Aisyn GS Countering extremist activity in the Russian Federation. Problems with the quality of growth. legislation.Sb. scientific work of the All-Russian scientific-theoretical conference. Cheboksary. 2016. P. 42-45
3. Baeva LR Extremism, nature and forms of manifestation // Caspian region: politics, economics, culture. 2008.№3. P.16.
4. Aisyn GS About environmental terrorism. Collection of materials of the international scientific-practical conference. Cheboksary. Izd. Chuvash University, 2017. P. 315-319.
5. Inogamova- Hegai AV Criminal liability for environmental offenses. Collection of materials of the international scientific-practical conference. Cheboksary. Izd. Chuvash University, 2017. P.380-386.
6. Negaeva EV, Onegova AA Effectiveness of criminal punishments for environmental offenses. Collection of materials of the international scientific-practical conference. Cheboksary. Izd. Chuvash University, 2017 P.434-437.
7. Tasanov SV Moral aspects of environmental problems of society. Collection of materials of the international scientific-practical conference. Cheboksary. Izd. Chuvash University, 2017 P. 501-506.